**Бо фармони Вазири корҳои хориҷии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз «__ » _______ соли 2020**
**№__ тасдиқ карда шудааст**

**Дастурамали**
**мансабии котиби якуми шуъбаи масъалаҳои ҳуқуқи амнияти байналмилалии Раёсати шартномавӣ-ҳуқуқии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1.Муқаррароти умумӣ

1) Номи мансаб – котиби якуми шуъбаи масъалаҳои ҳуқуқи амнияти байналмилалии Раёсати шартномавӣ-ҳуқуқии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2) Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи сеюм мансуб аст.

3) Котиби якуми шуъбаи масъалаҳои ҳуқуқи амнияти байналмилалии Раёсати шартномавӣ-ҳуқуқии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд котиби якуми шуъба) аз тарафи Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазир) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.

4) Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори Раёсати шартномавӣ-ҳуқуқӣ (минбаъд - сардори Раёсат) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5) Дар давраи муваққатан ҳозир набудани котиби якуми шуъба уҳдадориҳои мансабиаш ба котиби дуюми шуъбаи мазкур ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани котиби дуюми шуъбаи мазкур уҳдадориҳои мансабиаш ба мушовири шуъба вогузор карда мешаванд.

6) Котиби якуми шуъба бо кормандони дахлдори воҳидҳои сохтории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазорат), намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ, намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди созмонҳои байналмилалӣ, намояндагиҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд намояндагиҳо) ҳамкорӣ менамояд.

## 2.Талаботи тахассусӣ

1) Барои мансаби котиби якуми шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- собиқаи корӣ дар намояндагиҳои дипломатӣ;
- на кам аз 4 сол собиқаи хизмати дипломатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мансаби мазкурро ба танзим медароранд;

- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-донистани ҳуқуқи байналмилалӣ;

- на камтар аз 1 маротиба дар 2 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

- доштани малакаи истифодабарии барномаҳои компютерӣ.

2) Котиби якуми шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ ва дипломатӣ бошад.

- таҳлил ва хулосаи ҳуқуқӣ додан ба лоиҳаҳои созишномаҳо, шартномаҳо, фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ.

### 3. Уҳдадориҳои мансабии котиби якуми шуъба

1) Ташхиси ҳуқуқии ҳуҷҷатҳоро анҷом медиҳад;

2) Дар таҳияи лоиҳаҳои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, инчунин қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ба салоҳияти Раёсат мансуб буда, иштирок менамояд;

3) Хулоса оид ба тавзеҳот, эътироз нисбат ба тавзеҳот ва бардоштани тавзеҳот аз шатномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

4) Дар тафтиши (инвентаризатсияи) асосҳои шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо иштирок менамояд;

5) Ҷиҳати муайян намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, таъсис ва фаъолияти мақомотҳои судии ҷиноятии байналмилалӣ пешниҳод омода месозад;

6) Бо намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди созмонҳои байналмилалӣ, инчунин бо намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии давлатҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд, дар доираи салоҳияти Раёсат мукотиба мебарад;

7) Ҷиҳати таъмин намудани нигоҳдории сирри давлатӣ ва хизматӣ масъул аст;

8) Тартиботи меҳнатӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатиро риоя менамояд ва саривакт, бо сифат ва самаранок иҷро намудани вазифа ва супоришҳои сардори Раёсатро таъмин менамояд;

9) Хулосаи ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода менамояд;

10) Таклиф оид ба масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалии таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони он омода месозад;

11) Масъалаҳои бесилоҳкунӣ ва назорати содиротиро пеш мебарад;

12) Масъалаҳои мубориза бо паҳншавии яроқи қатли омро пеш мебарад;

13) Дигар супоришҳои сардори Раёсатро иҷро менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳои котиби якуми шуъба

1) Котиби якуми шуъба ҳуқуқҳои зерин дорад:

- дар баррасии масъалаҳои доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;
- маводҳои дар ихтиёри Раёсат қарордоштаро омӯзад;
- бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ заруриро талаб карда гирад;
- барои бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ мебошанд, таклиф пешниҳод намояд;
- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, иштирок намояд;
- ҷиҳати таҳкими фаъолияти шуъба ва Раёсат таклиф пешниҳод намояд.

2) Дар ҳисоботи семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ, санадҳои санҷишӣ (гузоришҳо) оид ба натиҷаи санҷиши фаъолияти мақомоти давлатӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдошта, гузоришҳо ҷиҳати таҳкими фаъолияти шуъба ва Раёсат ба унвони сардори Раёсат салоҳияти имзо карданро доро мебошад.

3) Котиби якуми шуъба дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. Масъулияти котиби якуми шуъба

1) Котиби якуми шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;
- мавҷудияти мамониатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ», «Дар бораи хизмати давлатӣ»

ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъин намудан ба мансаб ва дар мансаб будан;

- барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ», «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;
- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;
- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;
- барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;
- барои риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- барои саривақт ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ;
- барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;
- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

2) Котиби якуми шуъба барои иҷро накардан ва/ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

1) Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба котиби якуми шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

2) Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва ё Раёсат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии котиби якуми шуъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.